**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзӯи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон" барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 -Назария ва методикаи таълими мусиқӣ)**

Таълими мусиқӣ яке аз муҳимтарин омилҳо дар ғанӣ гардонидани фарҳанги умумӣ, қобилияти сарояндагӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон ба ҳисоб меравад. Ягон ҷашни мактабӣ набояд бидуни мусиқӣ баргузор шавад, зеро мусиқӣ хонандагонро ба зиндагӣ ва мактаб, оила ва омӯзгор дилгарм карда, онҳоро ба роҳи дуруст ҳидоят менамояд.

Мусиқӣ яке аз бахшҳои муҳими фарҳанги мардуми тоҷик ба шумор меравад ва аз қадимулайём то ба имрӯз дар ҳаёти мардум ҷойгоҳи намоён дорад. Мусиқии мардуми тоҷик таърихи чандҳазорсола дошта, дар тӯли асрҳо рӯйдодҳои таърихӣ, шароиту муҳити зист ва зиндагии иҷтимоии мардумро инъикос намудааст. Бояд зикр кард, ки ҳанӯз 1400 сол қабл хунёгари машриқзамин - Борбади Марвазӣ бо истеъдоди фавқулодаи худ мардуми минтақаашро ба шигифт оварда буд.

Мусиқӣ дар ташаккули чаҳонбинӣ ва ахлоқу маънавиёти инсон бахусус дар тарбияи хонандагон ва дарки зебоипарастии онҳо саҳми басо бузург дошта, дар ҳаёти инсон нақши муҳим дорад, тарбияи зебоипарастиро дар оила падару модар ва дар мактаб муаллим таълиму тарбия мекунад.

Тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ ба ташаккули завқи мусиқидустӣ, ҳисси зебоӣ, ахлоқ ва маънавиёт мусоидат мекунад. Омӯзонидани шунидани мусиқӣ, дарк ва эҳсоси он дар мактаб ва оила ба инкишофи қобилияти эҷодӣ ва ҳисси зебоиофарии кӯдак таъсири мусбат мерасонад. Муҳим аст, ки дар ин раванд омилҳои биологӣ, равонӣ, педагогӣ ва иҷтимоӣ ба таври ҳамҷоя ба назар гирифта шаванд. Таълими мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо

оила қисми ҷудонопазири системаи тарбияи эстетикӣ мебошад. Мактаб ва оила бояд муҳити мусоиди фарҳангӣ эҷод намоянд, то кӯдак дар фазои мусиқӣ ва санъат рушд ёбад. Дар ҳақиқат, тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии маънавӣ ва тақвияти руҳияи миллӣ нақши бузург мебозад.

Дар ин замина таҳқиқ ва таҳлили мавзуи **«Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон"** дар шароити кунунии кишвари мо мубрам ва зарур арзёбӣ шуда, ҳамчун мавзуи кори диссертатсионӣ интихоб гардидани он мувофиқи мақсад дониста мешавад. Дар автореферати диссертатсия Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин зикр менамояд, Муҳити оилавӣ яке аз сарчашмаҳои асосии ифшо додани таҷрибаи мусиқии кӯдакон буда, хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ қисми зиёди ҳаёти худро дар он мегузаронанд. Дастурҳои арзишманди оила дар соҳаи санъати мусиқӣ дар аввал завқ ва афзалиятҳои мусиқии хонандагонро ташаккул медиҳанд. Мавқеи оила асосан ҳам далел ва ҳам муваффақияти кӯдакро, ки таҳсилоти мусиқӣ мегирад, муайян мекунад.

Навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муҳтаво ва мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошад. Аз мазмун ва муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Автореферат матни асосии диссертатсияро инъикос намуда, мутобиқи меъёрҳои муайяннамуда барои таҳияи диссертатсияҳо ва автореферати диссертатсия мебошад. Новобаста аз мувафақиятҳо дар автореферат як қатор камбудиҳоро мушоҳида намудан мумкин мебошад:

1. Автореферат ба забони хуби илмӣ омода гардидааст, аммо дар он боз ҳам хатогиҳои имлоиву услубӣ ба мушоҳида мерасад;

2. Ҳаҷми автореферат ба талаботҳои таҳияи автореферат мувофиқ мебошад, маълумоти дар бораи бобҳои диссертатсия васеътар дода

шудааст, аммо хуб мебуд маълумотҳои дар бораи бобҳоро мушахастар менамуд.

Аммо, эродҳои зикргардида ислоҳпазир буда, онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷаллаи тақризшавандаи КОА-и назди Президента Ҷумхурии Тоҷикистон ба нашр расонидаи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин мазмуни пурраи кори илмияшро инъикос менамояд. Ҳамин тариқ, автореферата диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) ҳамчун кори таҳқиқотии мустақилона ва мукаммали илмӣ, ба талабот ва шартҳои дарёфти дараҷаи илмӣ (тибқи банди 72-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи технологияи рақамӣ ва
амнияти киберии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон С.С.Мавлоназаров

Имзои С.С.Мавлоназаров -ро
тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон А.Н. Насурдинзода

28.01.2026